«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи Вазорати Корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия
Насуриён П.А.
«25» 04. соли 2024

## ТАҚРИЗИ

**Муассисаи пешбар ба рисолаи диссертатсионии Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз тарафи муаллиф мустақилона омода карда шуда, мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии моддаи 253 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) дар шакли зарари молу мулкӣ ифода мегардад. Муайян кардани мафҳуми зарар барои таҳқиқоти мазкур аҳаммияти калон дорад. Зарар – яке аз шартҳои асосии ба ҷавобгарии моддӣ кашидани корманд мебошад. Корманде, ки бо гуноҳи ӯ ба корфармо зиёни моддӣ расидааст, ба андозаи зиёни бевоситаи воқеӣ,

аммо на зиёдтар аз моҳонаи миёнааш масъулияти моддӣ дорад. Аз ин рӯ, зарар ба намудҳои зерин ҷудо мешавад: 1) зарари моддӣ; 2) зарари маънавӣ. Ин намуд ба шарте ҷуброн карда мешавад, ки агар зарар дар қонун пешбинӣ шуда бошад. Дар ҳуқуқи маданӣ маънои паст кардан, ба нестӣ расонидани ҳуқуқи субъективӣ ё нафъи шахсони алоҳидаро дар назар дорад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ, таҷрибаи судӣ ва арбитраж мафҳумҳои зарар, зиён ва осебрасонӣ истифода бурда мешавад. Дар бисёр ҳолат зарар ва зиён ҳамчун муродифи ҳамдигар истифода мегарданд, аммо зарар ва осеб расонидан мувофиқ намеоянд. Мафҳуми зарар хеле васеъ буда, ба зарари молу мулкӣ ва ғайри молу мулкӣ ҷудо мешавад. Таҳти мафҳуми зарари молу мулкӣ оқибатҳои материалии (иқтисодии) ҳуқуқвайронкунӣ фаҳмида мешавад, ки шакли арзишӣ доранд. Зиёни молу мулкӣ яке аз навъҳои зараррасонист. Навъи дигари онро зарар ба неъматҳои ғайримолумулкӣ (зарар ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд) меноманд. Дар натиҷаи зарари молу мулкӣ миқдори молу мулк кам ва сифати он паст гашта, арзиши он нуқсон пайдо мекунад, инчунин намуди мол осеб мебинад ва ё молу мулк несту нобуд мегардад. Таҳти мафҳуми зарари молу мулкӣ дар илми ҳуқуқи маданӣ зарар ба молу мулки давлат, шаҳрванд, шахси ҳуқуқӣ, воҳидҳои марзию маъмуриро мефаҳманд. Зарари молу мулкӣ ба маънои зиён низ истифода мешавад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои илмие, ки марбут ба хусусиятҳои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ва роҳҳои пешгирии он мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории кишвар метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

1. Муаллифи рисола друст зикр мекунад, ки барои ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи бовариро таҳлил ва баррасӣ намуда, ба хулосаҳои зерин омадааст: Таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқии замони зардуштия ва ислом

нишон доданд, ки расонидани зарари молу мулкӣ дар шаклҳои гуногун ҳамчун ҷиноят эътироф гардидаанд. Дар қонунгузории ҷиноятии пешазинқилобӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ қоидаи ягона пешбинӣ нашудааст. Расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ҳамчун як ҷинояти мустақил дар қонунгузории ҷиноятии дохилӣ танҳо дар асри XX пайдо шуд. Ба КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ворид намудани моддаи 94 ва дар КҶ ҶТ моддаи 253, муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ, натиҷаи пешбинишударо ба бор наовард ва боиси мушкилоти зиёде дар амалияи татбиқи қонунгузорӣ гардид, ки вобаста ба фарқ кардани кирдори нав криминализатсияшуда аз амалҳои марбут ба ҳамин тарз содиршуда ва уҳдадориҳои деликтӣ алоқаманд буданд. Дар асоси моддаи $94^2$ КҶ ҶШС Тоҷикистон худсарона ба мақсадҳои ғаразнок истифода бурдани энергияи электрик ё ҳароратӣ ва ё газ, ҳамчунин вайрон кардани қоидаҳои дар рӯзгор истифода бурдани энергияи электрик ё ҳароратӣ ва ё газ, ки баъди додани ҷазои маъмурӣ барои ҳамин гуна ҳуқуқвайронкунӣ содир шудааст, ё ки зарари ҷиддӣ расонидааст, ҷиноят эътироф мегардид (саҳ.42-43).

2. Ҷабҳаи дигари мусбии таҳқиқоти рисола дар он аст, ки муалифи рисола ба хулоса омадааст, ки дар аксарияти давлатҳои баррасишуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ба таври муфассал ба танзим даровarда нашудааст, аммо чун қоида, қонуни ҷиноятии кишварҳои баррасишаванда бо амалҳои таҳқиқшавандаро ба таркиби қаллобӣ тавсиф кардаанд, зеро охирин, аз рӯйи хусусиятҳои худ, ҳарду ҷиноятро фаро мегирад. Танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ дар кишварҳои ИДМ бо якпорчагии таърихӣ ва геополитикӣ шарҳ дода мешавад, аммо фарқиятҳои ҷойдошта, дар мисоли КҶ Қирғизистон, КҶ ҶБ, хусусияти мушаххасии давлатиро дар ҳимояи молу мулк шаҳодат медиҳанд (саҳ.67-

68).

**3.** Муаллифи рисола пешниҳод мекунад, ки предмети расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварии хизмати истифодаи системаи ҷаҳонии иттилоотии «Интернет» низ мебошад. Имконияти истифодаи ин система аз ҷониби провайдерҳо таъмин карда мешавад ва ҳамчун хидмат амал мекунад. Аз ин рӯ, истифодаи ғайриқонунии вақти интернети «шахсони дигар», инчунин саркашӣ аз пардохт барои истифодаи хизматҳои интернетӣ бояд тибқи моддаи мазкур муқаррар карда шавад. Предмети расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ таҷовуз ҳангоми ғайриқонунӣ ба қарз гирифтани муваққатии молумулк, саркашӣ аз пардохти кори иҷрошуда, ки натиҷаи он объекти моддӣ мегардад, ашёҳо мебошанд. Моликияти ғайримоддӣ субъекти ин ҷиноят ҳангоми саркашӣ аз пардохти ҳаққи хизматрасонӣ, энергияи сарфшуда, вақти истифодабарии интернет мебошад (саҳ.95-96).

4. Бо мақсади дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ якранг дарк намудани мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ ҳамчун тарзи содиркунии ҷиноятҳои қасдона, инчунин ҷиҳати бартараф намудани саҳв ҳангоми бандубасти ҷиноят, пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ дар сатҳи қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам карда шавад. Ҳамин тавр, дар эзоҳи моддаи 253 КҶ ҶТ мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ ба тариқи зерин оварда шавад «Сӯиистифодаи боварӣ, яъне аз ҷониби шахс қасдона ба манфиати худ ва ғайримақсаднок истифода бурдани ваколатҳое, ки дар асоси қонун ва шартнома ба ӯ дода шудааст. Сӯиистифодаи боварӣ намуди мустақили расонидани зарари молу мулкӣ буда, дар он нишонаҳои тасарруф дида намешавад ва намуди алоҳидаи фиреб намебошад. Сӯиистифода аз зудбоварӣ ва соддадилии шахс намуди алоҳидаи сӯиистифодаи боварӣ намебошад ва ин кирдор бо моддаи 253 КҶ ҶТ бандубаст карда нашуда, бо моддаи 247 КҶ ҶТ бояд бандубаст карда шавад (саҳ. 123-124).

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст:**

Бояд иброз дошт, ки рисоланавис дар ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба мавзуи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории он метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

1. Диссертант дуруст зикр мекунад, ки расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ дар сурати мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф ҳамчун як падидаи таърихӣ ва ҳуқуқӣ дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон то соли 1961 вуҷуд надошт. Инро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки ин навъи ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ то соли 1961 ҳамчун як намуди қаллобӣ ҳисоб мешуд.

2. Ба ақидаи муаллифи рисола омӯзиши қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки вобаста ба расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба вуҷуд меоянд, имкон дод, ки чунин далелро баён кунем, ки меъёрҳои ба моддаи 253 КҶ ҶТ дар қонунгузории аксарияти кишварҳои ИДМ мавҷуд аст. Аммо, боиси зикр аст, ки дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои дорои ҳуқуқи умумӣ, расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ як намуди қаллобӣ ҳисобида мешавад, ки он метавонад қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир карда шавад.

3. Дар диссертатсия зикр карда шудааст, ки бо мақсади дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ якранг дарк намудани мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ ҳамчун тарзи содиркунии ҷиноятҳои қасдона, инчунин ҷиҳати бартараф намудани саҳв ҳангоми бандубасти ҷиноят пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ дар сатҳи қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам карда шавад. Ҳамин тавр, дар эзоҳи моддаи 253 КҶ ҶТ мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ ба тариқи зерин оварда шавад:

Сӯиистифодаи боварӣ, яъне аз ҷониби шахс қасдона ба манфиати худ ва ғайримақсаднок истифода бурдани ваколатҳое, ки дар асоси қонун ва шартнома ба ӯ дода шудааст. Сӯиистифодаи боварӣ намуди мустақили расонидани зарари молу мулкӣ буда, дар он нишонаҳои тасарруф дида намешавад ва намуди алоҳидаи фиреб намебошад.

4. Расонидани зарари молу мулкӣ вобаста аз арзиши молумулк ба чаҳор намуд зарари оддӣ, зарари ҷиддӣ, зарари ба миқдори калон ва миқдори махсусан калон бояд ҷудо карда шавад. Агар, ба шаҳрванд аз ҷиноят зарари назаррас нарасида бошад, зарар оддӣ шуморида шавад. Ҳангоми баҳодиҳии дараҷа ва андозаи зарар, инчунин ҳангоми муайян кардани категорияи вазнин, калон ва дараҷаи махсуси зарар мутобиқи моддаи 253 **КҶ ҶТ** ҳангоми муайян кардани андозаи зарар дар сурати расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ, ба инобат гирифтани вазъи моддии ҷабрдида, шароити зиндагии ӯ ва дурнамои вазъият, аз ҷумла ҳолати равонӣ ва ҷисмонии ӯ дар натиҷаи ҷиноят муҳим аст. Арзиши молиявӣ ё равонии дороиҳои вайроншуда метавонад ҳам талафоти мустақими моддӣ ва ҳам ҳисороти эҳсосӣ ё дигар талафоти ғайримоддиро дар бар гирад. Аҳаммият барои ҷабрдида дар аҳаммияти молу мулки зарардида дар ҳаёт ё ҳолати ҷабрдида, ки дар гум шудани чизи муҳим ё таъсир ба некӯаҳволии умумии ӯ ифода меёбад, фаҳмида мешавад. Музди меҳнат, мавҷуд будани нафақа ва дигар ҳолатҳои молиявии чабрдида, аз ҷумла, даромади умумии оилае, ки ҷабрдида бо он хоҷагии якҷоя зиндагӣ мекунад ва дигар омилҳои дахлдорро ба назар гирифтан лозим аст. Баҳо додан ба арзиши молу мулке, ки объекти ҷиноят буда, солҳои тӯлонӣ истифода мешавад, аз рӯйи нархҳои давлатӣ ё бозорӣ бо дарназардошти ҳолат, сифат ва фарсудашавии молу мулк, ҳатмӣ сурат мегирад.

Дар боби якуми диссертатсия «**Ташаккул, рушд ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ**» таҳаввулоти қонунгузории марбут ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин гуна амалҳо ба низом оварда шудааст ва баҳо дода

мешавад. Ғайр аз ин, таъсири дигаргуниҳои иҷтимоӣ ба инкишофи меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ ва инъикоси онҳо дар амал дида баромада шудааст. Инчунин, муаллиф таҳлили муқоисавии ҳуқуқии ин навъи ҷиноятро дар фазои пасошуравӣ ва кишварҳои низоми ҳуқуқии румӣ-олмонӣ гузаронидааст. Муаллиф бо таҳлили ташаккули қонунгузорӣ бо мурури замон сарчашмаҳои мушкилоти расонидани зарари молу мулкиро бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ муайян кардааст. Марҳилаҳои ибтидоии масъалаҳои гузошташуда дар заминаи ҳуқуқӣ ба таври муфассал баррасӣ гардида, омилҳои асосие, ки ба пайдоиш ва таҳаввулоти меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ мусоидат кардаанд, муайян карда мешаванд.

Дар боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ **«Таҳлили хуқуқӣ-ҷиноятии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ»** масъалаҳои таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объект ва предмет, тарафи объективӣ, аломатҳои субъективӣ, инчунин аломатҳои бандубастшавандаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

Муаллифи рисола қайд мекунад, ки ба сифати объекти хелӣ (гурӯҳӣ) дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ объекте эътироф карда мешавад, ки дар фасли мушаххаси Кодекси ҷиноятӣ муайяншуда мебошад, дар ҳоле, ки объекти намудӣ дар боби мушаххаси Қисми махсус КҶ ҶТ муқарраршуда мебошад.

Муаллиф қайд мекунад, ки аз нуқтаи назари мантиқӣ объекти хелии ҷиноятҳои марбут ба моликият, ки дар фасли XI ва боби 26 КҶ ҶТ зикр гардидаанд, иқтисоди кишвар мебошад. Дар асоси ин, ӯ ба хулосае меояд, ки объектҳои хелии бисёр ҷиноятҳои иқтисодӣ дар доираи фасли XI КҶ ҶТмуносибатҳҷи ҷамъиятии соҳаи иқтисодӣ мебошанд. Муаллифи рисола ба хулосае меояд, ки объекти бевоситаи ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ба моликият таҷовуз намуда, маҷмуи ҳуқуқҳои моликият ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои мадании ҳифзшавандаро вайрон мекунанд.

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки дар амал, тарафи объективии ҷинояти моддаи 253 КҶ ҶТ, дар азхудкунии пардохтҳои воридотӣ барои хидматҳо, бо вайрон кардани қоидаҳои тартиби муқарраршуда; пинҳон кардани арзиши воқеии сохтмони манзил, ки бо мақсади напардохтани маблағи боҷи давлатӣ содир шудааст; саркашӣ аз пардохти истифодаи хизматрасониҳои коммуналӣ (газ, қувваи барқ ва ғайра); сӯиистифодаи ғайриқонунии молумулк ба мақсадҳои шахсӣ, ки бо боварӣ барои кор супорида шудааст, саркашӣ аз пардохт барои сафари дурудароз тавассути мошинҳои киро ва ғайра ба роҳ монда мешавад. Барои дарк кардани фиреб ҳамчун роҳи содир намудани ҷинояти таҳлилшаванда, бояд аломатҳои объективӣ ва субъективии он ба назар гирифта шаванд. Аломатҳои объективӣ дар мафҳумҳои «мундариҷа», «шакл» ва «воситаҳо» ифода ёфтаанд, зеро онҳо ҳамчун абзори мантиқӣ-ҳуқуқии дарки фиреб амал мекунанд.

Ба андешаи муаллиф, яке аз ҷанбаҳои мушкил ҳангоми омӯзиши масъалаи содир намудани кирдор дар шакли расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ муайян кардани ҷанбаи моддии ҷузъи субъективии он мебошад.

Тавре ки дар диссертатсия қайд шудааст, яке аз воситаҳои фарқ кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷудо кардани таркибҳои бандубастшаванда дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ мебошад, ки дараҷаи бештари хавфи ҷамъиятии онҳоро дар муқоиса бо таркибҳои асосии худи ҳамон амалҳо нишон медиҳад.

**Чун илм бе баҳс нест, дар рисолаи илмии Саидзода А.М. баъзе эродҳои хусусияти мубоҳисавидоштаро дарёфт кардан мумкин аст:**

1. Банди 8 нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз нигоҳи мо ҷанбаи танҳо амалӣ дошта нуқтаҳои илмиро фарогир намебошад: «Дар амал, тарафи объективии ҷинояти моддаи 253 КҶ ҶТ, дар азхудкунии пардохтҳои воридотӣ барои хизматрасониҳо, бо вайрон кардани қоидаҳои тартиби муқарраршуда; пинҳон кардани арзиши воқеии сохтмони манзил, ки бо мақсади напардохтани маблағи боҷи давлатӣ

содир шудааст; саркашӣ аз пардохти истифодаи хизматрасониҳои коммуналӣ (газ, қувваи барқ ва ғайра); сӯиистифодаи ғайриқонунии молумулк ба мақсадҳои шахсӣ, ки бо боварӣ барои кор супорида шудааст, саркашӣ аз пардохт барои сафари дуру дароз тавассути мошинҳои киро ва ғайра»

2. Дар аксари ҷойҳои рисола ба сифати предмети ҷиноят газ, қувваи барқ ва ғайра омадааст: «Дар амал, тарафи объективии ҷинояти моддаи 253 КҶ ҶТ, дар азхудкунии пардохтҳои воридотӣ барои хидматҳо, бо вайрон кардани қоидаҳои тартиби муқарраршуда; пинҳон кардани арзиши воқеии сохтмони манзил, ки бо мақсади напардохтани маблағи боҷи давлатӣ содир шудааст; саркашӣ аз пардохти истифодаи хизматрасониҳои коммуналӣ (газ, қувваи барқ ва ғайра); сӯиистифодаи ғайриқонунии молумулк ба мақсадҳои шахсӣ, ки бо боварӣ барои кор супорида шудааст, саркашӣ аз пардохт барои сафари дурудароз тавассути мошинҳои киро ва ғайра». Аммо, аз амалия мисолҳои мушахас вобаста ба ин масъала оварда нашудааст.

3. Дар банди 3 нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда духӯрагӣ мавҷуд аст: «Омӯзиши қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки вобаста ба расонидани зарари molу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба вуҷуд меоянд, имкон дод, ки чунин далелро баён кунем, ки меъёрҳои ба моддаи 253 КҶ ҶТ дар қонунгузории аксарияти кишварҳои ИДМ мавҷуд аст. Аммо боиси зикр аст, ки дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои дорои ҳуқуқи умумӣ, расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ як намуди қаллобӣ ҳисобида мешавад, ки он метавонад қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир карда шавад». Аз диссертан даъват карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро, ин масъаларо равшан созад.

Эродҳои пешниҳодшуда хусусияти мубоҳисави дошта ба мазмуни рисола таъсир намерасонанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Рисолаи илмии Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзӯи:

«Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣки бо Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар семинар 14 нафар иштирок намуданд: тарафдор 14, зид – нест, бетараф – нест. Протоколи семинари илмӣ – назариявӣ аз 19-уми апрели соли 2024, тахти №3).

**Қисмати хотимавии тақриз — хулоса.**

Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо,хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмй таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмй, маводҳои корй ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ таҳлил гардида хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили илми ҳуқуқшиносӣ манзур шудааст. Дар маҷмӯъ рисолаи Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст ба талаботҳои бандҳои 33-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмй, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дойр ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Сафарзода Ҳаёт Сайдамир, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (12.00.08), профессори кафедраи

пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси талаботҳои бандҳои 76-79 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода карда шуда, он дар ҷаласаи кафедраи кафедраи ҳуқуки ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ кардашудааст. Ҷаласаи кафедра аз 23-уми апрели соли 2024, таҳти №11. Дар ҷаласаи кафедра аз 13 нафар иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Котиби Шурои олимони
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
полковники милитсия Абдурашидзода А.А.

**Ташхисгар:** профессори кафедраи пешгирии
терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии
факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
полковники милитсия Сафарзода Ҳ.С.

Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ:
Дотсенти кафедраи кафедраи ҳуқуки
ҷиноятӣ, криминология ва психологияи
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т.

Имзоҳои Абдурашидзода А.А.,
Сафарзода Ҳ.С. ва Аҳёзода Ш.Т.-ро тасдиқ менамоям:
И.в. сардори ШК ва КҲШ Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковни милитсия Камолӣ З.Б.

«24» 04 соли 2024

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru